НАШРИЁТИ МУОСИР

ҶСП «НАШРИЁТИ МУОСИР»
Ҷумҳурии Тоҷикистон, ш. Душанбе, к. Зарнисор, 3
РЯМ 0310019875 | РМА 030031491

№ 197 "23" 10 2020

**Ба редаксияи**
**Сомонаи Радиои «Озодӣ»**

# РАДДИЯ

Ҷамъияти саҳомии пӯшидаи «Нашриёти муосир» иттиллоот медиҳад, ки мақолаи бо номи «Аз нашри китоби «Тоҷикон» ҷайби кӣ пур шуд»? Таҳқиқи Радиои Озодӣ» аз санаи 16- уми октябри 2020 сол, ки дар сомонаи Шумо нашр гардида буд, мақолаи саҳеҳ, воқеъӣ ва объективона набуда, дар он маълумотҳои бардурӯғ ва ба ҳақиқат номувофиқ нашр гардида, мақолаи номбурда ҳуқуқу манфиатҳои қонунии ҷамъияти моро поймол намуда, эътибори кории онро дар байни хонандагон паст задааст.

Пеш аз ҳама, бояд қайд намоем, ки мувофиқи қонунҳои амалкунандаи Ҷумҳурии Тоҷикистон таҳқиқоти журналистӣ бояд, ки пурра, ҳаматарафа ва объективона гузаронида шуда, он ба факту рақам ва далелҳои мушаххас асос ёфта, ба ҳамаи тарафҳои манфиатдор имконият дода шавад, ки мавқеъ ва назару андешаи худро холисона баён намоянд.

Барои гузаронидани таҳқиқоти журналистии беғаразона редаксияи Радиои Озодиро зарур буд, ки ба унвони роҳбарияти Ҷамъияти саҳомии пӯшидаи «Нашриёти муосир» бо тариқи хаттӣ муроҷиат намуда, вобаста ба саҳеҳият, шаффофият ва дурустии маълумотҳои дар ихтиёраш буда ҷавоби расмии моро дастрас намуда, танҳо пас аз он мақоларо дар сомонаи худ нашр мекард. Редаксияи Радиои Озодӣ мавқеъи ҷамъияти моро муайян накарда, дар мақола мавқеъи моро дарҷ накардааст ва дар натиҷа ба хонандагони сомона мақолаи ғаразноки яктарафаро пешниҳод намудааст.

Дар баробари он, ки аз тарафи редаксияи Радиои Озодӣ принсипи (ғояи) беғаразона ва холисона пахн намудани иттилоот риоя нагардидааст, инчунин дар мақолаи мазкур якчанд иттилооти бардурӯғ нашр ва паҳн гардидааст, ки он ҳуқуқу манфиатҳои қонунии ҷамъияти моро халалдор намуда, эътибори кории ҷамъияти моро паст задааст. Чунончи дар мақола маълумоти яктарафаи носаҳеҳ ва умуман ба воқеият мувофиқ набуда нашр гардида, ширкатҳое, ки ба ҷамъияти мо дахл ва алоқамандӣ надоранд, номбар карда шудаанд, ки ин ҳолат холисӣ ва беғаразии редаксияи Радиои Озодиро зери шубҳа қарор медиҳад.

Дар мақола оид ба тартиб ва шартҳои гузарондани тендери давлатӣ оид ба нашри китоби «Тоҷикон» маълумотҳои бардурӯғ нашр гардида, хонандагони сомона ба гумроҳӣ бурда шудаанд. Инчунин бояд қайд намуд, ки дар мақола фикру ақидаи ғаразноки ашхосе оварда шудааст, ки онҳо мутахассиси соҳаи табъу нашр намебошанд ва дар соҳаи мазкур дониши тахассусӣ надоранд.

Зимнан ба маълумоти Шумо мерасонем, ки тендери давлатӣ оид ба нашр намудани китоби «Тоҷикон» дар доираи қонунҳои амалкунандаи Ҷумҳурии Тоҷикистон гузаронида шуда, зимни гузаронидани он принсипҳои (ғояҳои) қонуният ва шафофият риоя карда шудааст. Натиҷаҳои тендери давлатӣ аз ҷониби ягон тарафи иштирокчиёни тендер мавриди баҳси маъмурӣ ё баҳси суддӣ қарор дода нашудааст, ки ҳолати мазкур низ аз он шаҳодат медиҳад, ки зимни гузаронидани он муқаррароти қонунгузории амалкунандаи Ҷумҳурии Тоҷикистон риоя карда шудааст.

Ҳамзамон лозим ба ёдоврист, ки чопи китоби «Тоҷикон» бо истифода аз маҳсулотҳои аълосифат, дар таҷҳизотҳои муоссире, ки дастовардҳои нашрияҳои ширкатҳои бонуфузӣ хориҷӣ мебошанд ва барои тайёр намудани таҷҳизоти чопӣ дар аврупо ва ҷаҳон дар ҷойи аввал меистанд, ба амал бароварда шудааст. Бояд қайд намуд, ки солҳои пеш молу маҳсулоти чопӣ, аз ҷумла китобу маҷаллаҳо бо чунин талаботҳо дар хориҷи кишвар ба табъ расонида мешуд. Боиси ифтихор аст, ки корхонаи ватании мо бо доштани чунин таҷҳизотҳои муосири табъу нашр тавонистааст, ки китобу маҷаллаҳоро бо сифати баланд ҳамчун корхонаи ватанӣ дар дохили кишвар ба чоп расонад, ки ин ҳолат ҳам ба манфиати давлат ва ҳам ба манфиати халқи кишварамон мебошад.

Ҳамин тавр, ҳамаи маълумот ва хабарҳое, ки дар мақолаи «Аз нашри китоби «Тоҷикон» ҷайби кӣ пур шуд»? бардурӯғ буда, асоси воқеъӣ надоранд ва бо ягон далелҳои ҳуқуқии боэътимод асос наёфтаанд. Бинобар ин, мувофиқи муқаррароти қисми 2 моддаи 19 Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон “Дар бораи матбуоти даврӣ ва дигар воситаҳои ахбори омма” агар редаксияи воситаи ахбори омма дар бораи дуруст ва ба ҳақиқат мувофиқ будани маълумоти паҳннамудааш далел надошта бошад, вазифадор аст, ки дар худи ҳамон воситаи ахбори омма раддияро нашр намояд. Аз ин рӯ, дар ҳолати надоштани далелҳои зарурӣ доир ба маълумотҳои паҳннамудаатон, редаксияи сомонаи Радиои “Озодӣ” ӯҳдадор аст, ки раддияи мақолаҳои дар боло қайдшударо нашр намояд.

Бо назардошти асосҳои дар боло оварда шуда, мувофиқи муқаррароти моддаҳои 18,19 Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон “Дар бораи матбуоти даврӣ ва дигар воситаҳои ахбори омма” аз редаксияи Сомонаи Радиои “Озодӣ” талаб менамоем, ки муқаррароти қонунгузории амалкунандаи Ҷумҳурии Тоҷикистон дар соҳаи матбуотро риоя намуда, ҷавоби корхонаи моро, Раддия - ро дар саҳифаи навбатии сомонаи Радиои“Озодӣ” нашр намоед. Дар мавриди аз тарафи редаксияи сомонаи Радиои“Озодӣ” нашр накардани ҷавоби ирсолнамудаи мо, Ҷамъияти саҳомии пӯшидаи “Нашриёти муосир” ҳуқуқ дорад, ки бо тартиби судӣ ҳуқуқу манфиатҳои қонунии худро ҳимоя намояд.

Директори
ҶСП “Нашриёти муосир” Салимов Б.Д.